**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-059-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Тақриз
ба автореферати диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзӯи "Мусодираи молу мулк ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло ба яке аз мавзӯҳои муҳими хусусияти назариявӣ ва амалидоштаи Қисми Умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шудааст.

Мусодираи молу мулк яке аз институтҳои мубраму мураккаби ҳуқуқи чиноятӣ маҳсуб ёфта, дар шароити муосир ошкору возеҳ намудани табиати ҳуқуқи ҷиноятии он ҷавҳари асосии автореферати диссертатсияи Зокирзода З.Х.-ро ташкил медиҳад. Зеро, дар замони муосир институти мусодираи молу мулк дар ҳолати рушд қарор дошта, он ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ, чораи дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ, чораи амниятӣ ва ғайра эътироф гардида, атрофи он олимон бо далелу омилҳо нуктаҳои назари хешро исбот кардаанд.

Аз ин ҷост, ки номбурда зимни омӯзиш ва таҳлили мавзӯи мазкур аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҷрибаи судиву тафтишотӣ истифода бурда, бо гузаронидани пурсишҳои сотсиологӣ, таҳлили дақиқи омори ҷиноятҳо ва табиати ҳуқуқи ҷиноятии мусодираи молу мулкро ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ дар автореферати диссертатсия пешниҳод намудааст.

Дар доираи тадқиқоти мазкур муаллифи автореферат ба проблемаҳои мавҷудаи мусодираи молу мулк ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ ба таври нозукбинона ва воқеъбинона баҳо дода тавонистааст.

Тадқиқоти диссертатсионӣ аз ихтисорот, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад. Дар муқаддимаи диссертатсия аҳамияти мавзӯи мазкур вобаста ба ҳаёти имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳонӣ оварда шуда, қобили қабул мебошад. Дар муқаддимаи диссертатсияи Зокирзода З.Х. мубрамияти мавзӯи тадқиқот асоснок карда шуда, мақсад ва вазифаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ муайян гардида, асосҳои методологии он изҳор шуда, навгонии илмии тадқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалиявии он тавсиф гардида, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда баён карда шудаанд. Муаллифи диссертатсия дар натиҷаи пайдарҳамии проблемаҳои мусодираи молу мулк аз қабили инкишофи қонунгузории чиноятии ҶТ оид ба ҷазо дар намуди мусодираи молу мулк, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятиии давлатҳои пасошӯравӣ оид ба ҷазо дар намуди мусодираи молу мулк, табиати ҳуқуқи ҷиноятии мусодираи молу мулк, мафҳум ва аломатҳои мусодираи молу мулк, мақсади мусодираи молу мулк, инчунин, проблемаҳои иҷрои ҷазо дар намуди мусодираи молу мулкро фикру назарҳои худро иброз намудааст.

Дар автореферат ба таври маҷмӯӣ муаллиф проблемаҳои мусодираи молу мулкро ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ ошкор намуда, ҷиҳати мукаммал гардонидани м. 57 КҶ ҶТ таклифу пешниҳодҳо манзур намудааст. Аз ҷумла, муаллиф қайд менамояд, ки мафҳуми мусодираи молу мулк бояд васеътар маънидод карда шавад. Чунончӣ, мусодираи молу мулк ин бо ҳукми судӣ маҷбуран ба таври ройгон гирифтан ва ба моликияти давлат гузаронидани молумулки бо роҳи ҷиноятӣ андӯхташудаи зерини маҳкумшуда мебошад». Ҳамчунин, дар бандҳои «а», «б» ва «в», қ. 1, м. 57 КҶ ҶТ ибораи «арзишҳо» ба «чизҳои қиматбаҳо» иваз карда шавад. Зеро арзишҳо маънои васеъ дошта, ҳаёти инсон, қадру қимат, номус, саломатӣ ва ғайраро ифода менамояд ва ҳеҷ иртибот ба молу мулк надорад. «Чизҳои қиматбаҳо» бошад, маънои мушаххас дорад ва ба молу мулк рабт дорад (саҳ. 11).

Ҳамчунин, муаллифи автореферат қайд менамояд, ки қисми 7, м. 57 аз КҶ ҶТ хориҷ карда шавад. Чунки ин меъёри ҳуқуқӣ ба Конститутсияи ҶТ мухолифат менамояд. Дар қ. 4, м. 20 Конститутсияи ҶТ омадааст: «Мусодираи пурраи молу мулки маҳкумшуда манъ аст». Дар сурати мухолифати меъёрҳои қонунҳои ҷорӣ, аз ҷумла КҶ ҶТ, ба Конститутсияи ҶТ афзалият ба меъёрҳои Конститутсияи ҶТ дода мешавад (саҳ. 11-12). Ҳамчунин, пешниҳоди 1, сархати 2 ҷолиби диққат аст. Муаллиф иброз медорад, ки маблағҳои пулӣ, чизҳои қиматбаҳо, суратҳисобҳои бонкӣ, саҳмияҳои ширкатҳо, амволи манқул ва ғайриманқул ва дигар молу мулке, ки барои маблағгузории на танҳо «терроризм», балки барои «экстремизм», «ғасби ҳокимият», «тағйир додани асосҳои сохтори конститутсионӣ», «тамомияти марзӣ» истифода мешаванд ё пешбинӣ шудаанд, мавриди мусодира бояд қарор дода шавад.

Истифода ва ба назар гирифтани чунин истилоҳот мазмуни б. «в», қ. 1, м. 57 КҶ ҶТ-ро муназзам ва ғанӣ мегардонад. Ҳамчунин, истифодаи мафҳуми «арзишҳо» муайяну мушаххас нест, зеро «арзишҳо» ҳам хусусияти молумулкӣ ва ҳам хусусияти шахсии ғайримолумулкӣ (ҳаёт, саломатӣ, қадру қимат, обрӯ ва ғ.)-ро ифода менамояд. Дар амал татбиқ гардидани пешниҳодҳои муаллифи автореферат судманд буда, боиси такмили қонунгузории ватанӣ гардида, мушкилотҳои назариявӣ ва амалиявӣ оид ба мусодираи молу мулк бартараф мегардад.

Вобаста ба ин, навгониҳои муаллифи авторефератро ҳамчун падидаи прогресивӣ дастгирӣ бояд кард. Зеро, муаллиф дар доираи таҳқиқоти анҷомдода сари камбудиҳои м. 57 КҶ ҶТ руҷӯъ намуда, баҳри такмил додани қонунгузории ҷиноятии ватанӣ камари ҳиммат бастааст.

Муаллифи автореферат вобаста ба мушкилоти ҷойдошта пешниҳоду таклифҳо манзур намуда, на танҳо ба андешаҳои олимони варзида, балки зиёда аз 450 парвандаи ҷиноятӣ, 600 ҳукми судӣ ва 350 иҷроварақаи судӣ оид ба мусодираи молу мулк дар ноҳия ва шаҳрҳои ҶТ мавриди омӯзиш қарор додааст. Ҳамчунин, дар байни 200 корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва зиёда аз 1250 нафар шаҳрванд оид ба ҷазо дар намуди мусодираи молу

мулк пурсиш гузаронидааст, ки дар натиҷаи омӯзиши проблемаҳои мавҷудаи мусодираи молу мулк пешниҳодҳои худро асоснок намудааст.

Аз ин нуқтаи назар, натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионии Зокирзода З.Х. илман асоснок буда, бо далелу асосҳои боварибахши назариявӣ, ҳуқуқӣ, омор ва амалияи судию тафтишотӣ мустаҳкам шудааст.

Натиҷаҳои тадқиқот, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллифи автореферат оид ба танзими қонунгузории ҷиноятӣ оид ба мусодираи молу мулк ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ равона гардидааст.

Бояд гуфт, ки тадқиқоти диссертатсионӣ метавонад боиси такмили меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории ватанӣ гардад; дар амалия тартиби иҷрои мусодираи молу мулк дуруст танзим карда шавад; фаъолияти қонунгузорӣ, судҳо ва дигар мақомотҳо, инчунин, мақомоти иҷро истифода гардад. Тадқиқоти пешниҳодшуда метавонад дар раванди таълими фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин, дар курси махсуси таълимии ҳуқуқӣ, аз ҷумла фанни «Асосҳои таъини ҷазо» истифода шавад.

Ҳамчунин, нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснокии тадқиқоти анҷомдодаро нишон медиҳад. Илова бар ин, аз тарафи муаллифи автореферат дар мақола ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳодҳо ҷиҳати такмил бахшидани қонунгузории ҷиноятии ватанӣ ва фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиққунада дар соҳаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба мусодираи молу мулк ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст.

Аз ин рӯ, тадқиқоти анҷомдодаи Зокирзода Зафар Хайрулло мусбат буда, он нахустин пажуҳиши комплексӣ оид ба мусодираи молу мулк ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ мебошад ва барои муҳаққиқони оянда заминаҳои мусоидро дар илми ҳуқуқшиносии ҷумҳурӣ мегузорад.

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло мазмуни диссертатсияро пурра инъикос намуда, дар он масъалаҳои бамиёнгузошта аз лиҳози илмӣ пайдарпай ва асоснок матраҳ гардида, аз рӯи диди тоза ва мантиқ таҳлил гардида, сазовори баҳои мусбат аст.

Дар баробари тадқиқоти пурра анҷомёфтаи Зокирзода Зафар Хайрулло баъзе аз камбудиҳое ҷой дорад, ки қимати автореферати диссертатсияро коста намегардонад, чунки ин камбудиҳо дорои хусусияти ҷузъист. Камбудиҳои зерин дар автореферати диссертатсия ба мушоҳида расиданд:

1. Мусодираи молу мулк ҳамчун ҷазо то барқарорсозии Ҳокимияти Шӯравӣ дар Тоҷикистон ҳамчун зербоб дар автореферати диссертатсия оварда мешуд ё моҳиятан ин намуди ҷазо дар замонҳои пешин дар автореферат таҳлил мегардид.

2. Муаллиф дар автореферати худ қайд намудааст, ки қисми 7-и м. 57 бояд аз КҶҶТ хориҷ карда шавад (саҳ.26). Вале номбурда бо кадом асосҳои илмӣ ва ё амалӣ онро исбот ва пешниҳод кардааст, муайян нест.

Хоҳишмандем, дар ин бора фикри диссертант шунида шавад.

Эродҳои зикршуда хусусияти бартариҳои илмии тадқиқоти диссертатсиониро коста намекунад. Тадқиқоти диссертатсионии мазкур ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Зокирзода Зафар Хайрулло сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Ёрдамчии прокурори шаҳри Хуҷанд,**
**ҳуқуқшиноси дараҷаи 3,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Қурбонзода Б.Ш.**

**Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735714**
**Суроға: вилояти Суғд, ш.Хуҷанд, маҳаллаи 31,**
**кӯчаи Сирдарё 43а, Прокуратураи вилояти Суғд**
**Тел. корӣ: (83422) 5-27-48**
**E-mail: prokuratura.sugd@mail.ru**

Имзои Қурбонзода Б.Ш.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва коргузории прокуратураи вилояти Суғд, мушовири адлияи дараҷаи якум:
Раҷабзода Р.М.
26.06.2020с.

ПРОКУРАТУРАИ ВИЛОЯТИ СУҒД
ШУЪБАИ КАДРҲО